№17398/13.1 аз 14.11.2019

Раёсатои Дастгоҳи марказӣ
Мақомоти ҳудудии андоз

*“Доир ба татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки бо мақсади такмили низоми андозсупории истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ аз ҷумла, доир ба пардохти маблағи бонусҳо дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №427, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъқул додиста шудааст.

Зимнан, бо мақсади саривақт ва сифатнок ба буҷети давлатӣ ворид намудани маблағҳои бақияпулиҳои бонусҳо, ки аз муҳлатҳои пешин ба миён омадаанд ва бо назардошти ҳалли мушкилоти истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ вобаста ба пардохти маблағи муқарраршудаи бонуси обунавӣ, нисбат ба ҳар як тағйиру иловаҳои воридгардида дар ин самт ба Кодекси андоз, ба Шумо тавзеҳот ва дастур пешниҳод карда мешавад:

1. Тибқи тағйирот аз сархати якуми қисми 1 моддаи 220 Кодекси андоз калимаҳои «геологӣ ва (ё)» хориҷ пешбинӣ карда шуд.

Бо мақсади ҷалби сармояи ватанию хориҷи ба соҳаи коркарди маъдан ва сабукӣ овардан ба истихроҳкунандагони сарватҳои зеризаминӣ дар асоси тағйироти воридгардида ба моддаи мазкури Кодекси андоз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ аз пардохти бонуси обунавӣ барои корҳои омӯзишӣ геологӣ озод карда мешавад. Яъне, минбаъд

ҳангоми аз ҷониби истифодбарандагони сарватҳои зеризаминӣ ба даст овардани “иҷозатнома (иҷозат) барои корҳои омӯзишӣ геологӣ” онҳо супорандаи бонуси обунавӣ ба ҳисоб намеравtotal.

2. Ба моддаи 223 Кодекси андоз тағйиротҳо ворид карда шуда, қисми 1 моддаи мазкур дар таҳрири зерин: «Бонуси обунавӣ аз ҷониби шахсе пардохт мешавад, ки дар озмун барои гирифтани ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ ғолиб омадааст ё ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои зеризаминиро дар асоси музокироти мустақим ва (ё) иҷозатнома (иҷозат)-ро барои истихроҷи маъданҳои фоиданок тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтааст» ифода карда шуда, қисми 2 ҳамин модда пурра хориҷ карда шуд.

Бо назардошти аз пардохти маблағи бонуси обунавӣ озод гардидани корҳои омӯзиши геологӣ муқарарроти моддаи мазкури Кодекси андоз такмил дода шуда, супорандаи он ба таври мушаххас муайян ва аниқ карда шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои буҷети давлатӣ ва ҷиҳати бекор намудани имтиёзҳои бесамар, имтиёзи пешбинигардида дар қисми 2 моддаи мазкур, ки қаблан барои истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, ки дар асоси ҳуқуқи истисноӣ барои истихроҷ вобаста ба кашфи тиҷоратӣ дар доираи иҷозатнома (иҷозат) барои омӯзиш дар ҳудуди дахлдор қарордод мебастанд ва дар ҳамин асос аз пардохти маблағи бонуси обунавӣ озод мегардиданд, бекор карда шуд. Яъне, аз ин пас тамоми истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ ҳангоми ба даст овардани иҷозатнома (иҷозат) барои ҳуқуқи истихроҷи канданиҳои фоиданоки маъданӣ ва маъмулӣ тибқи тартиби муқарраргардида бонуси обунавиро ҳисоб ва ба буҷет пардохт менамоянд.

3. Моддаи 225 Кодекси андоз пурра такмил дода шуда, дар таҳрири нав қабул карда шуд, аз ҷумла, қисми 1 моддаи мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

Маблағи муқарраршудаи бонуси обунавӣ аз ҷониби истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ пас аз гирифтани иҷозатнома (иҷозат) оид ба ҳуқуқи истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ дар муҳлатҳои зерин пардохт карда мешавад:

а) барои маъданҳои фоиданоки маъмул ва маъданҳои фоиданок (ба истиснои субъектҳое, ки дар соҳаи истихроҷи ангишт фаъолият менамоянд):

- сӣ фоизи маблағи муқарраршудаи бонуси обунавӣ дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи гирифтани иҷозатнома (иҷозат) оид ба ҳуқуқи истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ;

- ҳафтод фоизи маблағи боқимондаи муқарраршудаи бонуси обунавӣ аз санаи оғоз намудани корҳои истихроҷи маъданҳои фоиданок дар давоми 1 (як) сол аз рӯи ҳиссаҳои баробар барои ҳар моҳи давраи ҳисоботӣ.

Тибқи тағйироти пешбинигардида минбаъд бо назардошти ҳалли мушкилоти истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ вобаста ба пардохти маблағи муқарраршудаи бонуси обунавӣ, истифодабарандагони канадниҳои фоиданоки маъданӣ ва маъмулӣ пас аз гирифтани иҷозатнома (иҷозат) оид ба ҳуқуқи истихроҷ уҳдадор мегарданд, ки сӣ фоизи маблағи тибқи тартиби муқарраргардида ҳисобшудаи бонуси обунавиро дар муҳлати 1 моҳи пас аз санаи барасмият даровардани иҷозатнома (иҷозат) оид ба ҳуқуқи истихроҷ ва ҳафтод фоизи маблағи боқимондаи онро аз санаи оғоз намудани корҳои истихроҷӣ ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

б) барои истихроҷи ангишт вобаста ба андозаи бонуси обунавии ҳисобшуда:

- то 200000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ташкил додани маблағи бонуси обунавӣ, дар давоми 2 (ду) сол аз рӯи ҳиссаҳои баробар барои ҳар моҳи ҳисоботӣ;

- аз 200000 то 500000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ташкил намудани маблағи бонуси обунавӣ, дар давоми 4 (чор) сол аз рӯи ҳиссаҳои баробар барои ҳар моҳи ҳисоботӣ;

- аз 500000 то 1 миллион нишондиҳанда барои ҳисобҳо ташкил намудани маблағи бонуси обунавӣ, дар давоми 6 (шаш) сол аз рӯи ҳиссаҳои баробар барои ҳар моҳи ҳисоботӣ;

- зиёда аз 1 миллион нишондиҳанда барои ҳисобҳо ташкил намудани маблағи бонуси обунавӣ, дар муҳлати 10 (даҳ) соли аввали фаъолият аз рӯи ҳиссаҳои баробар барои ҳар моҳи ҳисоботӣ.

Тибқи тағйироти воридгардида ба моддаи мазкур вобаста ба муҳлати пардохти бонуси обунавӣ аз ҷониби субъектҳои истихроҷкунандаи ангишт имтиёзи иловагӣ пешбинӣ карда шуд.

Яъне, тамоми корхонаҳои соҳаи истихроҷи ангишт, ки то ворид гардидани тағйиру иловаҳои мазкур соҳиби иҷозатномаи (иҷозати) дахлдор оид ба ҳуқуқи истихроҷи ангишт буданд ва ё аз ин пас соҳиби иҷозатнома (иҷозат) дар ин самт мегарданд уҳдадор мебошанд, ки маблағи тибқи тартиби муқарраргардида ҳисобшудаи бонуси обунавиро вобаста ба ҳаҷми он, ки аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда мешавад, барои давраҳои ҳисоботӣ ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

4. Қисми 2 моддаи 225 дар таҳрири нав бо мазмуни зайл ифода карда шуд: «Истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ метавонад маблағи пурраи ҳисобшудаи бонуси обунавиро, новобаста аз муқаррароти қисми 1 ҳамин модда, якбора пардохт намояд».

Ҳамзамон, мутобиқи сархати мазкур муқаррар карда шуд, ки он истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, ки аз ин пас соҳиби иҷозатнома (иҷозат) оид ба ҳуқуқи истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ мегарданд, метавонанд маблағи ҳисобшудаи бонуси обунавиро якбора пардохт намоянд ва тартиби дар сархати 1 моддаи 225 пешбинӣ гардида нисбат ба онҳо татбиқ карда намешавад.

5. Ҳамзамон, дар асоси тағйироту иловаҳои воридгардида ба Кодекси андоз бо мақсади аз байни бурдани мушкилии пардохти маблағҳои калони бонуси обунавӣ аз ҷониби истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ муқаррар карда шудааст, ки тағйироти ба моддаи 225 Кодекси андоз воридгардида нисбат ба он субъектҳое, ки то ворид гардидани тағйиру иловаҳои мазкур дорои иҷозатнома оид ба ҳуқуқи истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ мебошанд ва дар асоси қарордоди истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ нисбати фаъолияти онҳо тибқи тартиби муқарраргардида маблағи бонусҳои обунавӣ ҳисоб карда шудааст, татбиқ мегардад.

**Вобаста ба ин, раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказиро зарур аст, ки бо мақсади дар амал дуруст ва пурра татбиқ намудани муқаррароти тағйироти ба Кодекси андоз воридгардида, мутобиқ ба Замимаҳои 1 ва 2 мактуби дастурии мазкур таъҷилан бо истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ "Созишнома" ба имзо расонанд. Ҳамзамон, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки пардохти маблағҳои ҳисобшудаи бонуси обунавиро барои давраҳои пешина ва минбаъда ба буҷет таъмин намоянд.**

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандонро бо мактуби тавзеҳотии мазкур шинос намуда, бо андозсупорандагони соҳаи қаъри замин семинар - машваратҳои омӯзишӣ гузаронанд ва воридоти бақияпулиҳои мавҷудаи бонуси обунавиро ба буҷети давлатӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, дар ин самт чораҷӯӣ намоянд.

Раис Н. Давлатзода